Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14 E-mail. faridullo72@mail.ru. Телефони котиби илмӣ (+992) 935730010

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Халифазода Ҷовидон Бобохон дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ (аз 23.12.2022с.) қайд намуданд, ки «ба масъалаҳои тақвияти рушди содирот, тезонидани чараёни диверсификатсияи истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда аҳаммияти махсус дода, барои коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла пахта ва меваю сабзавот ва ғайраҳо тадбирҳои зарурӣ андешида шавад. Дар ин самт, Вазорати саноат ва технологияҳои нав вазифадор аст, ки якҷо бо Вазорати кишоварзӣ, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо ҷалби сармоя ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати дар се соли минбаъда бунёд кардану ба кор андохтани маҷмааҳои коркарди ниҳоии нахи пахта дар 5 шаҳру ноҳия, аз ҷумла шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб чораҳои саривақтӣ андешад».

Муносибатҳои бозорӣ иштироккунандагони истеҳсолоти агросаноатиро дар минтақаҳо чунин шароите муаҳаё месозад, ки самаранокии фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидорӣ ва инноватсионӣ-технологӣ, иҷрои вазифаҳои дар боло зикр гашта, ба низоми истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулотҳои баландсифати соҳаи пахта вобаста мебошанд. Аз ин лиҳоз, барои баландбардории дараҷаи рақобатпазирии инноватсионӣ-технологӣ, ҳосилнокии баланди маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ бояд аз чораҳо ва василаҳое истифода намуд, ки дар заминаи

кооператсия ва ҳамгирой ё алоқамандии иқтисодӣ-истеҳсолӣ барои расидан ба рушди устувори иқтисодӣ дар минтақаҳои кишвар мусоидат намоянд. Дар ин раванд, яке аз чораҳои муҳими рушди минтақавӣ-соҳавӣ ин ташаккули кластерҳои пахта ба ҳисоб меравад.

Ба ақидаи муаллиф, барои самаранокии кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатӣ давраҳои амалкарди дурусти онҳо зарур мебошад, ки он омили муҳими пешрафти фаъолияти иштирокчиёни соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд кластерҳои аграрӣ ҳамчун маҷмӯи ҳамкориҳои судмандӣ, интиқол, рақобатпазирӣ ва муттаҳидшаванда ҳисобидан мумкин аст, ки ба ташаккул ва рушди устувори соҳаи кишоварзӣ мусоидат менамояд.

Дар баробари муваффақиятҳои муҳими автореферат, ҳамзамон хубтар мешуд, агар муаллиф ба нуктаи зерин низ аҳамият медод: расми 3-и дар автореферат овардашуда (с. 15), ки сухан сари масъалаи принсипҳо ва функсияҳои асосии ташаккули кластерҳои пахта дар минтақаҳои агросаноатии кишвар меравад метавонист таҳлили пурраи худро ёбад, агар муаллиф ҳамзамон самаранокии рушди устувори минтақаро бо назардошти самара (натиҷа)-и сетарафа, яъне ҳам иқтисодӣ, ҳам экологӣ ва ҳам иҷтимоӣ, ки айнан дар сутунчаи охир сари онҳо сухан меравад, асоснок ва муайян менамуд.

Вале, новобаста аз пешниҳодҳои ҷойдошта автореферати рисолаи номзадӣ, таҳлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок мебошанд. Бинобар ин чунин хулоса намудан мукин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузошташударо ифода менамояд. Ҳамчунин натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатии минтақаи Хатлонро такмилдиҳии идоракунии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабукро ифода менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзуи «Арзёбии самаранокии кластерҳои агросаноатӣ дар минтақа (дар мисоли кластерҳои пахтаи минтақаи Хатлон)», аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои бандҳои 31 ва 33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, тахти №267

тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Халифазода Ҷовидон Бобохон арзандаи дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03. - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**академики Академияи миллии**
**илмҳои Тоҷикистон** **Қаюмов Н.Қ.**

Имзои Н.Қ. Қаюмовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Қубронов Э.Т.

Суроға: Институти
иқтисодиёт ва демографияи АМИТ:
734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44
Телефон: (+992 37) 221-67-50
E-mail: info@ied.tj
Сомона: www.ied.tj